# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ Муминов Ашрафҷон Раҳмоналиевич, дар мавзуи “Принсипҳои ташаккули муҳити меъморӣ-фазогии марказҳои таълиму тарбиявии фарогир”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD, аз рӯи ихтисоси 6D072900 – Сохтмон (6D072913 – Меъмории биноҳо ва иншоот. Таълимоти эҷодии фаъолияти меъморӣ (техникӣ)) пешниҳод шудааст**

*Мубрамии мавзуи таҳқиқоти Муминов А.Р.* асосан ба масъалаҳои такмилдиҳии муҳити меъморӣ-фазогии марказҳои таълиму тарбиявии фарогир, ки дар замони муосир ниҳоят муҳим мебошад, бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки мубрамии мавзӯи таҳқиқоти мазкур бо як қатор омилҳои зерин, аз ҷумла: муҳимияти иҷтимоии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ), таъмин намудани шароитҳои дастрасии муҳити маскуният, муносибати инноватсионии ташаккули муҳити дохила ва берунаи марказҳои номбурда ва инчунин, баланд бардоштани сифати муҳити таҳсилот асоснок гардидааст.

Муминов Ашрафҷон Раҳмоналиевич соли 2015 ба зинаи бакалавриати Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, факултети сохтмон ва меъморӣ дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ бо дипломи аъло соли 2019 хатм намудааст.

Баъди хатми зинаи бакалавриати донишгоҳи номбурда, солҳои 2019-2021 дар зинаи магистратураи кафедраи меъмории биноҳо ва иншоот таҳсил намуда, онро низ бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси лоиҳакашии биноҳо ва иншоот ба итмом расонидааст.

Солҳои 2021-2023 дар зинаи магистратураи Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда, сазовори дипломи магистри иқтисодчӣ-менеҷер, аз рӯйи ихтисоси идоракунии давлатӣ гардидааст. Дар баробари ин, соли 2022 ба докторантураи (PhD) ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ дохил гардида онро соли 2025 бо муваффақият ҷамъбаст кардааст.

Дар баробари таҳсил дар зинаҳои бакалавриату магистратура ва докторантураи донишгоҳ, Муминов А.Р. инчунин дар ташкилотҳои гуногуни лоиҳакашӣ ба ҳайси: техник-таҳиягари қисми меъмории Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Селтехпроект” (09.2017-10.2019); меъмори Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе. Маркази амалигардонии “Равзанаи ягона, мониторинг ва кадастри шаҳрсозӣ” (10/2019-02/2023); Роҳбари гуруҳи лоиҳакашии “Равзанаи ягона”-и Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе. Маркази амалигардонии “Равзанаи ягона, мониторинг ва кадастри шаҳрсозӣ” (02/2023 - то ҳол); ассистенти кафедраи меъмории биноҳо ва иншооти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

(с.х. 2022-2025) ва эксперти ғайриштатии қисми Нақшаи генералӣ ва Ҳалли меъмории КВД “Ташхисгар”-и Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ (02/2022 – то ҳол) адои хизмат менамояд.

Кори диссертатсионии Муминов А.Р. аз муқаддима, чор боб, 19 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мувофиқати мавзуи кор асоснок карда шуда, мақсаду вазифаҳо, объект ва мазӯи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот дарҷ гардидаанд.

Боби якум “Ҷанбаҳои назариявии таҳсилоти фарогир” ба омӯзишу баррасии масъалаҳои марбут ба мафҳумҳои асосии таҳсилоти фарогир, ҷабҳаҳои таърихии инкишоф, принсипҳои асосии таҳсилоти фарогир, сарчашмаҳои қонунгузории самт ва дурнамо ва тамоюли инкишофи таҳсилоти фарогир бахшида шуда, аз панҷ зербоб ва хулосаҳо иборат мебошад.

Дар боби дуюм “Таҳқиқи манбаъҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва стандартҳои лоиҳакашии марказҳои таълимиву тарбиявии фарогир” тафсири ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва тавсияҳои байналмилалӣ оиди лоиҳакашии марказҳои таълимиву тарбиявии фарогир, таҳлили муносибат ва ғояҳои муосири лоиҳакашии фазоҳои таҳсилотии фарогир, интегратсияи сенсорӣ ва таъсири он ба лоиҳакашии меъморӣ ва дизайни фарогир ва ҳамбастагиҳои иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Боб аз чор зербоб ва хулосаҳо иборат аст.

Боби сеюм “Таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии лоиҳакашӣ, бунёд ва истифодабарии муассисаҳои таҳсилотии фарогир” ба тафсири таҷрибаи ватанӣ, таҳлили малакаи хориҷии лоиҳакашӣ, бунёд ва истифодабарии муассисаҳои таҳсилотии фарогир ва инчунин ба омӯзиши таҷрибаи истифодабарии воситаҳои таъмини дастрасии физикӣ дар муассисаҳои таҳсилотии фарогир бахшида шудааст. Он аз се зербоб ва хулосаҳо иборат мебошад.

Боби чорум “Тавсияҳо оиди лоиҳакашии марказҳои таҳсилотии фарогири муосир” боби натиҷавии рисола буда, ба таҳияи тавсиҳои амалӣ оиди лоиҳакашии МТФ бахшида шудааст ва дар асоси таҳлили натиҷаҳои бобҳои аввали кори таҳқиқотӣ ва дарназардошти хулосаҳои дар онҳо ба дастомада таълиф гардидааст. Дар он масъалаҳои марбут ба ҳалҳои тарҳӣ, меъмориву фазогӣ, ташаккули муҳити атрофи МТФ, истифодаи воситаҳои меъмориву техникии мавқеъмуайянсозӣ дар фазои атроф ва инчунин таҳлили нишондиҳандаҳои техникиву иқтисодии ҳалли меъморӣ-сохтмонии биноҳои дар рисола пешниҳодгардида мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Боби мазкур аз 8 зербоб иборат буда бо хулосаҳо ҷамъбаст гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадини назариявӣ-методӣ ва таҳлили мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

*Хулоса,* диссертатсияи Муминов Ашрафҷон Раҳмоналиевич, дар мавзуи "Принсипҳои ташаккули муҳити меъморӣ-фазогии марказҳои таълиму тарбиявии фарогир", ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори PhD, аз рӯи ихтисоси 6D072900 – Сохтмон (6D072913 – Меъмории биноҳо ва иншоот. Таълимоти эҷодии фаъолияти меъморӣ (техникӣ)) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори меъморӣ,
профессори ДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ ______________ Ҳасанзода Н.Н.

"10" 02 соли 2026.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С.Айнӣ, 297, манзили 5.
Телефон: (+992) 907 700 712.
E-mail: kapitelh@mfil.ru

Имзои роҳбари илмӣ Ҳасанзода Н.Н.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ ба номи
академик М.С.Осимӣ ______________ Қодирзода Н.Х.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Академикҳо Раджабовҳо, 14.
Телефон: (+992) 907 700 712.
E-mail: ttu@ttu. tj, Web: www.ttu.tj
"____" _________ соли 2026.